**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Сафаров Абдумалик Абдусатторович дар мавзуи «Нақши сармоягузории мустақими хориҷӣ дар инкишофи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки аз руйи ихтисоси: 08.00.13 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ пешниҳод шудааст.**

Дар шароити гузариш ба муносибатҳои бозори рушди иқтисодиёт давлатро бе ҷалби сармояи хориҷӣ тасаввур кардан номумкин аст, чунки таҷрибаи ҷаҳонӣ ва солҳои истиқлолияти сиёсии малакат нишон додаанд, ки яке аз сарчашмаҳои пешравии иқтисодию иҷтимоӣ ин истифодабарии воситаҳои пулию молии дигар давлатҳо ва созмонҳои молиявии ҷаҳонӣ мебошад. Аз ин рӯ мавзуи кори диссертатсионӣ ҳам аз ҷиҳати илмӣ ва ҳам амалӣ муҳим мебошад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки воридоти сармоягузории хориҷӣ барои рушди иқтисодӣ замина муҳайё месозад, ки ба ин омилҳои зерин мусоидат мекунанд: а) вусъат ёфтани маҷмуи захираҳои молиявӣ, тағйир ёфтани таркиби сифатии онҳо; б) ба мамлакат ҷалб кардани технологияҳои нав, ноу-хау ва таҷрибаи идорӣ; в) афзоиши ихтисоси қувваи кории маҳаллӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ; г) инкишофи робитаҳои корхонаҳои ватанӣ бо шарикони хориҷӣ, аз ҷумла, бо роҳи суръат додани ҳамкории илмию техникӣ, истеҳсолию технологӣ.

Мубрамияти мавзуи рисола аз зарурияти ҷалби сармоягузории мустқим ҳамчун яке аз омилҳои асосии рушди иқтисодиёт бар меояд, ки ин актуалӣ будани мавзуро тасдиқ менамояд.

Омӯзиши рисолаи пешниҳодшуда як қатор камбудиҳо ва норасоиҳои назаррасро муайян кард, ки дар поён оварда шудаанд:

1) мутобиқ ба мавзӯи таҳқиқот манбаҳои сармоягузорӣ ва тамоюлу тағироти сохторӣ (ҳиссаи ҳар як манбаъ дар умум) ва динамикаи онҳо бояд таҳлили васеъ мешуд;

2) таҳлили индикаторҳои муҳити сармоягузорӣ мустақими хориҷӣ, низ дар автореферат дарҷ наёфтаанд.

Эродҳо нисбат ба автореферати диссертатсия характери мусбӣ дошта, ба хулосае омадан мумкин аст, ки кори илмӣ дар сатҳи зарурӣ иҷро гардидааст ва ба талаботи низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.13 - Иқтисодиёти ҷаҳон сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**д.и.и., профессори кафедраи**
**иқтисодиёт ва логистикаи нақлиётии**
**Донишгоҳи техникии Тоҷикистон**
**ба номи академик М.С. Осимӣ** **Ҳамроев Ф.М.**

**Дурустии имзои Ф.М. Ҳамроевро тасдиқ менамоя,**
**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсусӣ**
**ДТТ ба номи М.С. Осимӣ.** **Қодирзода Н.Ҳ.**

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734042, ш.Душанбе, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо 10. Тел.:+992(372) 21-35-11, +992 (372) 23-02-46, +992 934-10-39-62, E-mail:info@ttu.tj, ttu@ttu.tj
06.09.2024с.